Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА 030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият», барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).**

Дар замони муосир бо муҷарради рушди кишварҳои рӯ ба инкишоф дар шароити ҷаҳонишавии бо суръат омӯзиш ва таҳқиқи ҳамкорӣ бо кишварҳои аз назари иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ муваффақи аз дидгоҳи нав зарурат дорад. Аҳамияти ҳамкориҳо, наздикшавии робитаҳо ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои муваффақи олам омили пешрафти кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон шуда метавонад. Аз ин манзар мавзӯи мавриди таҳқиқ аҳамият ва мубрамияти хосса касб намудааст.

Дар ин росто сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) як сиёсати бо диққат тарҳрезҳишуда, ҳадафманд ва тавсеаёбанда унвон мешавад, ки дар қаринаи татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) қобили арзёбӣ мебошад. Заруруати омӯзиши самти ОҶШ, хусусан ҳамкориҳои

Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи кишвар дар асоси омилҳои зерин ифода меёбанд:

- дастрасӣ ба бозори нави сармоя, фанноварӣ, техника ва технологияи комуникатсионӣ ва дастовардҳои соҳаҳои афзалиятнок тавассути рушди робитаҳои байнидавлатӣ, фаъол гаштани робитаҳои байнидавлатӣ дар сатҳҳои гуногун бевосита ба рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири амиқ мерасонад;

- ёфтани шарикони нави тиҷоратӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва фаъолгардонии бахшҳои иқтисодӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, рақобатпазирии молу маҳсулот ҷиҳати роҳ ёфтан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин саноаткунонии кишвар, рушди соҳаи геология, истифодаи бо самари захираҳои гидроэнергетикӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ мегардад;

- низоми муосири бонкдорӣ, фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва фаъолияти навъҳои мухталифи бокӣ дар замони муосир аҳамияти хоса дошта, дар ин замина таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи Малайзия ва Сингапур зарур мебошад;

Бинобар ин, дар рисолаи диссертатсионии Пайвандов Х.Б. диққати асосӣ ба таҳлили муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур), осебшиносии ин муносибатҳо баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Аз ин рӯ, яке аз дастовардҳои унвонҷӯ дар навиштани рисола дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таҳлили моделҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷисиктон бо ин кишварҳо ва имконияти истифодаи аз модели рушди иқтисодии онҳо баҳри тавсеаи иқтисодиёти кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муаллиф ҷанбаҳои таърихӣ-ҷуғрофии ОҶШ, зарфиятҳои рушди иқтисодии кишварҳои минтақа ва мушкилоту зарурати рушди

ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Малайзия, Индонезия ва Сингапурро таҳлил намуда, ҷанбаҳои асосиро чунин нишон додааст:

- Осиёи Ҷанубу Шарқӣ минтақаи рушдёбандаи олам шинохта шудааст, ки бо дастовардҳои рушди иқтисодии кишварҳои он мазмуни “Шимоли сарватманд ва Ҷануби қашшоқ” иваз шудааст;
- татбиқсозии сиёсати хоси давлатдории кишварҳои ОҶШ дар самти сиёсати хоси иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, хориҷӣ, ғоявӣ, прагматикӣ, таҷрибавӣ, илму-маориф ва ғайра) дар раванди ҷаҳонишавӣ;
- омилҳои асосии мушкилот ва зарурати рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ОҶШ вобаста ба имкониятҳои мавҷуда, самтҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба таври таҳлилӣ ва муқоисавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дурнамои рушди ҳамкориҳо низ вобаста ба самтҳои стратегияи миллии рушди кишвар мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Омӯзишу истифодаи пешниҳодҳои дар диссертатсияи мазкур ироагардида бахри рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ОҶШ дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Муаллиф қайд менамояд, ки муносибатҳои байналмилалии муосир дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дошта, дар он равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ нақши муассир доранд, ки ҷиҳати ҳамқадамӣ ба ин равандҳо кишварҳоро ба истифодаи васеи имкониятҳои табиӣ, омӯзишу татбиқи таҷрибаи давлатҳои муваффақ ва рушди ҳамкорӣ бо онҳо водор месозанд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳадафҳои нави стратегӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати мамлакат, истифодаи васеи имкониятҳои бойи табиии худ стратегияеро рӯйи даст гирифтааст,

ки дар он наздикшавии муносибатҳои бо кишварҳои муваффақи Осиё ҷойгоҳи хоса доранд.

Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима 3 боб 6 фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Аз руйи сохтор таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳадафҳои дар назди муаллиф гузошташуда мувофиқ буда, аз ҷониби муаллиф дуруст хулосабарорӣ шудааст.

Дар баробари комёбиҳои диссертатсия, ироаи пешниҳоду эродҳои зерин зарурӣ мебошанд:

1. Дар дессертатсия теъдоди зиёди адабиёт ва сарчашмаҳо истифода гардидааст, вале иқтибосҳо аз олимону коршиносони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ хеле кам мебошанд.
2. Дар таҳқиқот асосан маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ истифода гардидаанд, вале теъдоди адабиёт ва сакрчашмаҳо ба бо забони англисӣ ва форсӣ, ки роҷеъ ба осиёи Ҷанубу Шарқӣ адабиёти фаровоне дар ин бо ин забонҳо мавҷуд мебошад, хеле кам аст.
3. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар татбиқи ҳадафҳои СМР-2030 бояд таҷрибаҳои муваффақи кишварҳои Малайзия, Сингапур ва Индонезия истифода гарда шавад, вале мушаххас ишора нашудааст, ки ин таҷрибаҳо чигуна ва дар кадом мавридҳо бояд истифода карда шаванд.
4. Дар таҳқиқот гуфта шудааст, ки дар самти истифодаи таҷрибаи кишварҳои ОҶШ кишаврҳои ҳамсояи Тоҷикистон хеле фаъоланд, вале таҳлили қиёсии робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ОҶШ дар самту соҳаҳои мушаххас нишон нагардидааст.

Новобаста аз пешниҳоду эродҳои ироа шуда, диссертатсия ба баҳои мусбӣ арзанда буда, ба тамоми талаботҳое, ки барои таҳияи диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯ мубошад.

Пайвандов Хайриддин Боймуродович диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст. Диссертатсияи мазкур саҳми шахсии муаллиф дар инкишофи илм, маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат менамояд.

Тартиб ва мазмуни диссертатсия ва автореферати Пайвандов Хайриддин Боймуродович асосан ба талаботи муқаррарнамудаи тартиби омода намудани диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият» барои рушди илм, таъмини амният ва пешбурди сиёсати хориҷии кишвар аҳамияти муҳим ва саривақтӣ дошта, ҳамзамон кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида ҳисоб мешавад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, таҳти №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Пайвандов Хайриддин Боймуродович, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва

унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Номзади илмҳои таърих,**
**директори Маркази мероси**
**хаттии назди Раёсати Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Давлатов Р.М.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Маркази мероси хаттии назди
Раёсати Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода-35
Тел: 221-32-02, E-mail: merosikhatti@inbox.ru

**Имзои Давлатов Р.М.-ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Нозири калони кадрҳои**
**ММХ назди Раёсати АМИТ** **Раҷабалиев Х.**

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ
ШУЪБАИ КАДРҲО